Рўзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рўзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

9 августи соли 2023
Чоршанбе
№ 63 (14970)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# ШИРКАТИ «CENGIZ HOLDING» НАҚШАҲОИ НАВИ ТАВСЕАИ ТИҶОРАТ ДАР ЎЗБЕКИСТОНРО МУАРРИФӢ КАРД

**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев 8 август ҳайати ширкати туркии «Cengiz Holding»-ро таҳти сарварии раиси раёсат Меҳмет Ҷенгиз ба ҳузур пазируфт.**



*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон.*

Масъалаҳои тавсеаи минбаъдаи ҳамкориҳои мутақобилан судманд, аз ҷумла татбиқи лоиҳаҳои муштарак оид ба рушд ва таҷдиди соҳаҳои иқтисодиёти кишварамон баррасӣ шуданд.

Бояд гуфт, ки бо иштироки ин холдинги серсоҳаи пешбари Туркия дар Ўзбекистон ду лоиҳа бомуваффақият анҷом ёфт – дар вилоятҳои Тошканд ва Сирдарё неругоҳҳои замонавӣ бо иқтидори умумии 460 мегаватт ба истифода дода шуданд.

Дар мулоқот ба Сарвари давлатамон дар бораи фаъолияти ин иншооти энергетикӣ муфассал маълумот дода шуд.

Илова бар ин, Президенти Ўзбекистон дар вилояти Ҷиззах ба сохтмони боз як неругоҳи барқӣ бо иқтидори беш аз 500 мегаватт старт дод.

Ширкати «Cengiz Holding» инчунин нақшаҳои татбиқи лоиҳаҳои навро ба маблағи беш аз 5 миллиард доллар муаррифӣ кард.

Таҷдид ва сохтмони роҳҳои автомобилгард ва нақбҳо, гузаронидани корҳои иктишофии геологӣ ва азхудкунии конҳои истихроҷи маъданҳои фоиданок, идоракунии инфрасохтори энергетикӣ бо шартҳои шарикии давлатию хусусӣ аз ҷумлаи онҳост.

Раҳбари Ўзбекистон барои ҳарчи зудтар омода кардан ва татбиқи ҳамаҷонибаи лоиҳаҳои ояндадор бо иштироки сармоягузори турк супоришҳо дод.

**ЎзА.**

# НИШАСТИ СЕҶОНИБАИ САТҲИ ОЛӢ ДАР АШҚОБОД ПЛАТФОРМАИ БЕНАЗИР ВА МУҲИМ БАРОИ НИГОҲДОРӢ ВА ТАҲКИМИ РАВОБИТИ КИШВАРҲОИ ҲАМСОЯ ГАРДИД

**Нишасти сарони Ўзбекистон, Тоҷикистон ва Туркманистон, ки 4 август баргузор шуд, ба далели нав будани шакл ва рўзномаи он, ки аз ҷумла фарогирии масоили муҳим, аз қабили масоили истифодаи об, энергия, нақлиёт ва ғайра дар байни доираҳои сиёсӣ ва коршиносии кишварҳои хориҷӣ боиси таваҷҷуҳи зиёд гардид.**

Ба гуфтаи коршиносон, ин нишаст ба тавлиди лоиҳаҳои нав ва густариши татбиқи тарҳҳои муштараки мавҷуда хидмат хоҳад кард, ки барои таҳкими иқтидори минтақаи Осиёи Марказӣ ва тавсеаи робитаи мутақобилаи он бо манотиқи дигари қораи Авруосиё аҳамияти калидӣ доранд.

**Фернандо МОРАГОН, роҳбари Маркази омўзиши Авруосиё, директори нашрияи электронии испании «Diario Arbat», роҳбари Ассотсиатсияи рушди муносибатҳои байни Испания ва Ўзбекистон:**



— Мо баръало мушоҳида мекунем, ки дар ҳоли ҳозир Ўзбекистон саъй дорад, ки ҳамкориро бо кишварҳои ҳамсоя ба сатҳи сифатан нав барорад, ки бешубҳа, ба афзалиятҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва манфиатҳои миллии ҳар як кишвари минтақаи Осиёи Марказӣ комилан мувофиқат мекунад.

Аз ин лиҳоз, баргузории нахустин нишасти формати Ўзбекистон-Тоҷикистон-Туркманистон дар Ашқобод, ба назари ман, нуқтаи ибтидоии ҷустуҷў ва роҳандозии шаклҳои нави баррасии густариши ҳамкориҳои гуногунҷанба дар Осиёи Марказӣ хоҳад шуд.

Маҷмўи масъалаҳое, ки сарони давлатҳо баррасӣ карданд, аз қабили рушди ҳамкорӣ дар бахшҳои нақлиёту логистика, обу энергетика, агросаноат ва дигар соҳаҳо, манфиатдории хосаро дар ҳалли масъалаҳои мубрами рўзномаи минтақавӣ тасдиқ мекунад.

Дар ин замина, зимни суханронӣ дар бораи мулоқоти сеҷонибаи роҳбарони кишварҳои Осиёи Марказӣ, мехоҳам зикр намоям, ки нишасти кунунӣ як минбари беназир ва муҳим барои ҳифз ва таҳкими равобити кишварҳои ҳамсоя мебошад.

Ба фикрам, ҳадафи аслии ин нишаст ба низом даровардани ҳамкориҳо ва муттаҳид сохтани лоиҳаҳои иқтисодие, ки бо талошҳои муштарак амалӣ мешаванд, дар ҳоли ба онҳо додани шакли қобили қабули ҳамагон мебошад.

**Директори Донишкадаи тадқиқоти муносибатҳои иқтисодии байналмилалии Донишгоҳи молия Виктория ПЕРСКАЯ (Русия):**




– Ман мехоҳам дар бораи он таваққуф намоям, ки дар рушди муосири иқтисодии кишварҳои Осиёи Марказӣ Ўзбекистон ҳамчун маркази пайванди ташаккулёбанда нақши ҳалкунанда дорад.

Тўли солҳои охир суръати рушди иқтисодии Ўзбекистон воқеан мавриди таваҷҷуҳ қарор мегирад. Тибқи пешгўиҳо, дар солҳои 2023-2024 рушди иқтисодӣ дар кишвар беш аз 5 фоиз дар назар аст. Ин барои иқтисодиёти ҷаҳонӣ албатта суръати интизорраванда нест, зеро дар тамоми ҷаҳон таназзулҳо идома доранд.

Нуқтаи дуюм афзоиши демографии кишвар аст. Ҳоло шумораи аҳолии Ўзбекистон аз 36 миллион нафар гузашт ва ин гувоҳи он аст, ки сатҳи зиндагии мамлакат баланд шуда истодааст ва мардуми Ўзбекистон ба фардо дилпур аст.

Маҳз ҳамин мавқеи Ўзбекистон нақши пайвандкунанда ва марказиро мебозад, ки кишварҳои Осиёи Марказиро ба шарикии минтақавӣ ҳавасманд мекунад.

Нишасти гузаштаи се кишвари Осиёи Марказӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳамкориҳои минтақавӣ дар самти пешрафт қарор дорад. Мушкилоти сарҳадӣ ва ҳамлу нақливу логистикӣ ҳаллу фасл шуда, илова бар ин, барои ин кишварҳо фазои қобили сармоягузорӣ фароҳам оварда мешавад.

Ҳамчунин, набояд нақши Ўзбекистонро дар рушд ва бунёди равобит бо Афғонистон фаромўш кард. Ташаббусҳо оид ба рушди Роҳи нави абрешим, аз ҷумла, тавассути Афғонистон, бевосита ба ин се давлати Осиё иртибот доранд.

Дар хотима мехоҳам қайд намоям, ки ман аз ҳамоҳангсозии оқилонаи стратегияи рушди иқтисодии дохиливу хориҷии Ўзбекистон ба ҳайрат омадам.

**Сиёсатшиноси қирғиз Кубан АБДИМЕН:**



– Мулоқот дар Ашқобод дар таърихи минтақа воқеаи беназир гардид. То кунун дар шаклҳои дуҷониба ва бисёрҷониба бо иштироки президентҳои ҳамаи кишварҳои Осиёи Марказӣ мулоқотҳои расмӣ баргузор мешуд.

**(Давомаш дар саҳ.2).** ⇨

*Муносибат*

# ДАР ҲАФТ СОЛИ МИНБАЪДА ФОИЗИ ВОМҲО 10-12 БАРОБАР КАМТАР МЕШАВАД

***Солҳои оянда низоми тибқи муроҷиати шаҳрвандон ва ашхоси ҳуқуқӣ кор кардан куллан такмил меёбад. Механизм ва усулҳои наву самарабахши ба роҳ мондани мулоқоти ошкоро бо аҳолӣ ҷорӣ карда мешаванд.***

Чунончӣ, ҳар як ҳуҷҷат ва лоиҳае, ки ба рушди мамлакат ва таъмин сохтани фаровонҳолии ҳаёти шаҳрвандон нигаронида шудаанд, пеш аз ҳама, бинобар баррасии ҷомеаҳои васеъ ва коршиносон қабул карда мешаванд.

Аз ҷумла, аз 31 июли соли равон Стратегияи «Ўзбекистон – 2030» ва чораву тадбирҳои дар соли 2023 ба амал татбиқ намудани он ба муҳокимаи ҷомеаи васеъ гузошта шуд. Дар ҳуҷҷати мазкур, ки ба инкишоф додани мамлакат дар ҳафт соли минбаъда нигаронида шудааст, барои ба амал баровардани салоҳияти ҳар як инсон дар доираи 5 самти муҳими устувор фароҳам овардани шароитҳои муносиб, бинобар пешрафти муттасили иқтисодӣ, афзудани фаровонҳолии аҳолӣ, эҳтиёткорона истифода бурдани захираҳои об ва ҳифзи муҳити атроф, таъмин сохтани устувории қонун, ба роҳ мондани идораи давлатии хидмати халқ, ҳамчунин ба кишвари бехавф ва давлати сулҳпарвар табдил додани мамлакат 100 мақсад муайян гардидааст.

Аз ҷумла, дар натиҷаи муттасил давом додани ислоҳоти иқтисодӣ зиёд кардани ҳаҷми хидматҳои бозори бонк ва дар соҳа инкишоф додани рақобатбардорӣ, ҳамчунин гузаштан ба «Иқтисодиёти сабз», куллан афзудани нишондиҳандаҳои истифода аз энергияи такрорӣ, ки асоси онро ташкил медиҳад, чандин ҳадафҳо мушаххас шудаанд.

Ин маънои онро дорад, ки дар давоми ҳафт соли минбаъда ҳаҷми солонаи вом дар сохтори бонк ва молия ба 40 миллиард доллар расонида, ҳаҷми амонатҳои бонк чор баробар зиёд, фоизи вомҳо 10-12 фоиз кам карда мешаванд. Баробари ин, ҳадди ақалл дар 3 бонки тиҷоратӣ мизон ва таркиби молияи исломӣ ҷорӣ гардида, хусусикунонии бонкҳо ва дар ихтиёри давлат нигоҳ доштани 3-4 бонк ва ба бозори бонк ҳадди ақалл ҷалб сохтани 4 бонки бонуфузи хориҷӣ пешбинӣ мегардад.

Баробари ин, баҳри ҳаллу фасли мушкилоти вобаста ба захираҳои энергия, ки шарёни ислоҳоти иқтисодӣ ба шумор меравад, низ як қатор таклифҳо пеш гузошта мешаванд. Аз ҷумла, ҳаҷми истеҳсоли энергияи электр 118 миллиард кВт, ҳаҷми истихроҷи гази табиӣ ба 62 миллиард мукааб метр расонида, самаранокии энергетикии шабакаҳои иқтисодиёт ду баробар зиёд карда мешаванд.

Ғайр аз ин, манбаъҳои энергияи такрорӣ ба 25 ҳазор мегаватт, ҳамчунин саҳми умумии истеъмолии он ба 40 фоиз расонида хоҳад шуд. Ташаккул додани инфрасохторе, ки ба экология зарар намерасонад ва дар корхонаҳои саноатӣ ҷорӣ намудани амалиёти «гардиши иқтисодӣ» рағбатнок карда мешаванд. Истгоҳҳои энергияи электрии 9 гВт-и офтобӣ ва 5 гВт-и бодӣ дар пояи шарикии давлативу хусусӣ, ҳамчунин 28 истгоҳи гидроэлектрии нируяш 1,9 гВт сохта, 3 истгоҳи электрии гармии қувваташ 3 гВт бозсозӣ мешаванд ва дар натиҷа харҷи гази табиӣ кам мегардад.

Умуман, дар стратегияи мазкур на фақат бинобар самти иқтисодӣ, балки баробари ин дар тамоми шабака ва соҳаҳо низ як қатор таклифҳо барои зиёд кардани фаровонҳолии аҳолӣ, таъмин сохтани тараққиёти мамлакат пеш гузошта шудаанд. Аз ин рў, бояд ҳамаи мо дар ҷараёни ин муҳокимаҳо фаъол иштирок кунем, зеро мавқеи шаҳрвандии худро муайян кардан муҳим аст.

**Мавлуда АДҲАМҶОНОВА,**
**депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис.**

***Исботи гунаҳкории шахс барои содир намудани кирдори барои ҷамъият хавфнок татбиқи васеи равишҳои навоваронаро дар соҳаи экспертизаи криминалистӣ талаб мекунад.***

# ШАХСОНИ ҶИНОЯТСОДИРКАРДА БА ВОСИТАИ НИЗОМИ ИДЕНТИФИКАТСИЯ МУАЙЯН КАРДА МЕШАВАНД

Дар ин росто, қабули қарори Сарвари давлатамон «Дар бораи чораҳо оид ба боз ҳам такмил додани фаъолияти экспертию криминалистии мақомоти корҳои дохилӣ бо васеъ ҷорӣ намудани дастовардҳои илми муосир» ба баланд бардоштани самаранокии низом хидмат мекунад.

Дар соҳа криминалистикаи рақамӣ ба таври васеъ ҷорӣ карда мешавад. Ин соҳаи экспертизаи судӣ мебошад, ки ба муайянкунӣ, ҷустуҷў, коркард, таҳлил ва ҳисобот оиди маълумот, ки дар шакли электронӣ нигоҳ дошта мешаванд, нигаронда шудааст.

Вобаста ба ин, вазорати корҳои дохилӣ ба таъмини кормандони соҳаи экспертизаи криминалистӣ бо воситаҳои муосири техникӣ таваҷҷуҳ зоҳир менамояд.

На танҳо вазорати корҳои дохилӣ, балки кормандони гурўҳҳои экспертӣ-криминалистии марказҳои экспертӣ-криминалистии тамоми минтақаҳо бо ҷомадонҳои замонавии «криминалистӣ» таъмин карда шудаанд.

Ин ба ходимон имкон медиҳад, ки ҷиноятро дар ҷойи ҳодиса ошкор созанд, тавассути аломат ва изи ангуштонашон маълумот дар бораи гунаҳкорро зуд муайян кунанд.

Шаҳрванди Андиҷон Е.С. ба рақами «102»-и мақомоти корҳои дохилӣ занг зада, хабар медиҳад, ки шахси номаълум аз мошини «Cobalt»-и ў ҷиҳози арзишаш 2 миллиону 150 000 сўминаро пинҳонӣ ғорат карда, аз ҷойи ҳодиса ғайб задааст.

Дар натиҷаи гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷўӣ шахси номаълуме, ки дар наворҳои аз хотираи камераи назорати видеоии ҷойи ҳодиса гирифташуда тавассути «Низоми идентификатсиякунии шахс»-и маркази экспертию криминалистии Раёсати корҳои дохилии шаҳри Андиҷон тафтиш карда шуд. Баъдан муқаррар карда шуд, ки ин шаҳрванд Ф.С. дар ноҳияи Андиҷон сабти ном шудааст. Дар робита ба ин ҳодиса бо моддаи дахлдори Кодекси ҷиноӣ парванда боз шуда, тафтишот идома дорад.

Шаҳрванди дигаре ба хадамоти «102» муроҷиат карда, хабар додааст, ки ҳангоми дар мағозаи худаш хидмат расондан ба харидорон шахсони номаълум аз ҷайби курткааш 3,5 миллион сўмро дуздидаанд.

Зимни кофтуков ва тафтиши фаврӣ тасвири сабти видеоии камераи назоратии дар мағоза насбшуда тавассути «Низоми индентификатсияи шахс» санҷида шуд. Сипас маълум шуд, ки нафари ҷинояти дуздиро содиркарда сокини шаҳри Андиҷон М.А. будааст.

Пули дуздидашуда аз шаҳрванд М.А. бо иштироки шахсони беғараз бо тартиб додани баённома гирифта шуд.

Феълан аз рўи ин ҳодиса тибқи банди «а» қисми 2-юми моддаи 169-уми Кодекси ҷиноӣ парванда боз шуда, тафтишот идома дорад.

**Норгул АБДУРИМОВА,**
**мухбири ЎзА.**

# ЎЗБЕКИСТОН АЗ ҶУМЛАИ КИШВАРҲОЕСТ, КИ ШАҲРВАНДОНИ ОН МЕТАВОНАНД БАРОИ ВУРУД БА АРАБИСТОНИ САУДӢ РАВОДИДРО ОНЛАЙН ДАРЁФТ КУНАНД

***Ҳукумати Арабистони Саудӣ имкони дарёфти раводиди электронӣ барои шаҳрвандони Ўзбекистонро фароҳам овард.***

Ба иттилои Консулгарии генералии Ўзбекистон дар Ҷидда, акнун шаҳрвандони кишвари мо метавонанд барои дарёфти раводиди Арабистони Саудӣ ба таври электронӣ муроҷиат кунанд ё ба нуқтаҳои вуруди байналмилалӣ ариза диҳанд. Раводиди электронӣ ба шаҳрвандон имкон медиҳад, ки аз манотиқи мухталифи Арабистони Саудӣ боздид кунанд ва зиёрати «Умра»-ро анҷом диҳанд.

Қобили зикр аст, ки дар солҳои 2022-2023 ҳудуди 200 000 шаҳрванди Ўзбекистон бо раводидҳои гуногун аз Арабистони Саудӣ дидан кардаанд.

Минбаъд шаҳрвандони Ўзбекистон метавонанд ба осонӣ раводиди Арабистони Саудиро бо сарфи камтар аз 50 доллар ба даст оранд.

Дар маҷмўъ, бояд гуфт, ки ҳоло 57 кишвар метавонанд аз системаи электронии раводиди сайёҳӣ, ки Вазорати сайёҳии Арабистони Саудӣ аз 27 сентябри соли 2019 оғоз кардааст, васеъ истифода баранд.

Ин, дар навбати худ, ба татбиқи барномаи стратегии «SaudiVision 2030», аз ҷумла, зиёд гардондани саҳми соҳаи сайёҳӣ дар МУД аз 3 фоиз то 10 фоиз ва ҷалби 100 миллион сайёҳон дар соли 2030 хидмат мекунад.

**АИ «Дунё».**

# ҚУДРАТИ ИЛМРО ЗАВОЛЕ НЕСТ

**_Ба муносибати Рӯзи дӯстии халқҳо бар асоси Фармони сарвари давлатамон дар қатори дигарон дотсенти кафедраи фалсафа ва ғояи миллии Донишгоҳи давлатии Самарқанд Маҳбуба Эргашева бо медали «Шуҳрат» сарфароз гардид. Ба ҳамин муносибат бо ӯ суҳбат оростем._**



– Шукр, ки имрӯз халқи сермиллати аҳлу тифоқи мо бо рӯҳи якдилии бузург ва ҳамҷиҳатӣ чун фарзандони як оила умр ба сар мебаранд, – гуфт Маҳбуба Ҳотамбековна, – боиси хушнудист, ки ҳоло дар сарзамини бостонӣ ва нотакрорамон, таҳти шиори «Ўзбекистон–хонаи умумии мо» намояндагони беш аз 100 миллату халқият зиндагӣ мекунанд. Камина яке аз он шахсони хушбахт ҳастам, ки дар ин диёри ҷаннатмакон зисту зиндагонӣ ва кор мекунам. Ба қарибӣ Президенти муҳтарам меҳнати камтаронаи маро хеле баланд қадр кард.

**– Маҳбуба Ҳотамбековна, чӣ сабаб шуд, ки шумо фалсафаро дӯст доштед?**

– Солҳои таҳсил дар мактаб ба соҳаи бостоншиносӣ марoқ доштам, бисёр асарҳои таърихиро мутолиа мекардам. Баробари мутолиа панду андарзҳои бузургонро дар дафтари алоҳида менавиштам. Баъди хатми мактаб ҳуҷҷатҳоямро ба факултаи таърихи Донишгоҳи давлатии Самарқанд супорида, донишҷӯ шудам. Солҳои таҳсил аз устодон, профессорон Ҷӯрабек Яхшибеков, Акрам Азизқулов, Моҳира Мадраҳимова ва дигарон асрори илм омӯхтам. Ҳамин тариқ солҳои донишҷӯӣ илми фалсафа маро ба худ ҷалб кард. Зеро «философия» маънии «дӯстдори ҳикмат»-ро дошта, таълимотест дар бораи асосҳои ҳастӣ ва маърифат.... Хуллас, фалсафа фанни бағоят шавқовару беохир аст. Кори илмии ман, мавзӯи дараҷаи докториам (PHD) «Ғояҳои фалсафӣ дар «Авесто» аст. Ин мавзӯъро таҳти раҳнамоии роҳбари илмиам, профессор Бахтиёр Тӯраев меомӯзам. То имрӯз қариб сӣ мақолаи илмию тадқиқотӣ навиштаам, ки дар нашрияҳои Ўзбекистон, Тоҷикистон, Русия ва ғайра чоп шудаанд. Охир дар он диле, ки талаб ҳаст, оромидан нест.

**– Вақти холиатонро чӣ хел мегузаронед?**

– Барои зан оила, тарбияи фарзанд, пухту паз... аз ҷумлаи вазифаҳои асосӣ мебошанд, ки камина низ аз ин истисно нестам. Ғайр аз ин, мураббиёну омӯзгорон қишри аз ҳама пешқадам, бомаърифат ва равшанфикри ҷомеаро ташкил медиҳанд, вазифаи асосии мо насли наврасро ба замона хос таълиму тарбия додан аст. Бинобар ҳамин кушиш мекунам, ки дар Ўзбекистони Нав, ҷаҳонбинии наву пешқадам ва дӯстии халқҳо ҳукмрон бошад. Зеро қудрати илмро завол нест...

Ногуфта намонад, ки Маҳбуба Эргашева баробари муваффақиятҳои илмӣ дар зиндагӣ низ бонуи муваффақ аст. Модари се фарзанд – Асадбеку Азизбек ва Диёрҷон буда, баҳри муносиби давру замон тарбия намудани онҳо саъй мекунад.

Суҳбаторо **Зоҳир ҲАСАНЗОДА, хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти САМАРҚАНД.*

**_Дар Хоразм ба 231 шаҳрванди камтаъмин, ки ба ҳифзи иҷтимоӣ ниёз доранд, аз ҷониби раёсати хайрияи бунёди ҷамъиятии «Маҳалла»-и вилояти Хоразм, ҳамчунин шуъбаҳои шаҳриву ноҳиявии он дар ҳаҷми 98 миллион сӯм кумак расонида шуд._**

# БУНЁД БА ЭҲТИЁҶМАНДОН КУМАК МЕРАСОНАД

Ба 49 нафар ногиро, собиқадорони ҷангу меҳнат барои барқарор кардани саломатӣ, хариди воситаҳои протезиву ортопедӣ, амалиёти ҷарроҳиашон ёрдам дода, ба 182 оила барои хариди маҳсулоти зарурии озуқаворӣ маблағ пешниҳод гардид.

Ҳамин тариқ, бо дастгирии бунёд ва шуъбаи ноҳиявии он Фирӯза Юсуфова, ки соли таваллудаш 1994 мебошад, аз мушкилоти зуддашавии устухони миён куллан халос хӯрд. Ба ӯ аз ҷониби шуъбаи бунёд дар ноҳияи Қушкӯпир барои барқарор кардани сиҳҳатиаш 15 миллион сӯм ҷудо карда шуд. Ҷарроҳӣ аз ҷониби нейроҷарроҳони хоразмӣ бомуваффақият гузашт.

– Ман ба шуъбаи бунёд дар ноҳияи Урганҷ барои табобати набераам Камолбек Зарифов, ки соли 2018 таваллуд шудааст ва бемор буда, ҳоли ҳозир барои табобат дар Русия мебошад, муроҷиат кардам, – мегӯяд сокини маҳаллаи «Юқори овул» Бахтиёр Болтаев. – Хоҳиши ман беэътибор намонд. Бунёд ва шуъбаи ноҳиявии он барои табобат ва беҳбуди саломатии набераам беш аз 10 миллион сӯм ҷудо карданд. Алҳол саломатии ӯ хеле хуб аст. Рӯзҳои наздик ба оғӯши оила бармегардад. Барои ин, пеш аз ҳама, ба ҳукумати кишвар ва албатта, ба ходимони бунёд миннатдорӣ баён мекунам.

Чунин мисолҳоро метавон зиёд овард. Ба шарофати ёриву ғамхории давлат нисбати шаҳрвандоне, ки ба кумаки иҷтимоӣ ниёз доранд, бисёрии онҳо саломатии худро барқарор мекунанд, ҳамчунин мушкилоташонро, ки тӯли солҳои дароз онҳоро ба ташвиш меоварданд, ҳаллу фасл менамоянд.

**Аҳмадҷон ШОКИРОВ, хабарнигори ЎзА.**

*Муҳити зист*

# ИФЛОСКУНӢ ҶАВОБГАРӢ ДОРАД

**_Овезон кардани ҳар гуна чизҳои гуногун ба дарахтони сари роҳ, хиёбонҳо ва ҷойҳои дигар тибқи қонунгузорӣ манъ карда шудааст. Бо вуҷуди ин, дар ноҳияи Ғаллаарали вилояти Ҷиззах ба дарахти болои дукони гулфурӯшӣ чароғҳои барқро овезон кардаанд ва ин кирдори дукондор тибқи қонун муҷозот гардид. Агар ба ин мавзӯъ тафсилоти бештар доданӣ бошем, шаҳрванд А.О. ба ду дарахти сафедор бо мақсади рӯшноӣ чароғҳои гуногун овехта, дар натиҷа ба дарахт зарар расонидааст._**

Дар робита ба ин ҳодиса нисбати шахси вайронкунандаи қонун тибқи қисми 1 моддаи 79-и Кодекси маъмурии Ўзбекистон протокол тартиб дода шудааст. Бар асоси ин протокол А.О ба маблағи 5 баробари ҳадди ақалли маош, яъне 1 миллиону 650 ҳазор сӯм ҷарима супурдааст.

Бино ба қарори Президент аз 31 майи соли 2023 «Дар бораи тадбирҳои самаранок ташкил намудани фаъолияти Вазорати экология ва муҳити зист ва тағйирёбии иқлим» дар мамлакат чорабиниҳои «Аз дарахт нафас гиред» баргузор мегарданд. Дар доираи ин чорабинӣ дарахтон аз рӯйпӯшҳои бетонӣ, симҳои барқ, баннерҳои таблиғотӣ, чароғҳо ва дигар таъсироти номатлуб тоза карда мешаванд.

Масъалаи ба ҷойҳои муқарраршуда интиқол додани партов низ дар айни замон яке аз масъалаҳои мубрами рӯз маҳсуб меёбад. Дар робита ба ин масъала маълум намудем, ки дар атрофи канали Бӯзсув, ки аз ноҳияи Зангиатои вилояти Тошканд мегузарад, дар чанд қитъаи муайяннашуда партов партофта шудаанд. Вазъият тавассути камераҳои назоратӣ, ки аз ҷониби Раёсати марказии диспетчерӣ ва мониторинги онлайни Вазорати экология ва муҳити зист насб гардидааст, ба навор бардошта шудааст. Дар натиҷа муайян карда шуд, ки ронандаи мошини махсуси партовкашони «Махсустранс»-и ноҳияи Шайхонтаҳур ба атрофи ин канал ғайриқонунӣ партови гуногунро бурда холӣ кардааст.

Бино бар қонунгузориҳо тибқи парванда ба ронандаи мошин, ки бар хилофи тартиби муқарраргардида ҷиноят содир кардааст, бо қисми 3 моддаи 91/1 Кодекси ҷиноӣ протоколи маъмурӣ тартиб дода шуда, ба андозаи панҷ нишондиҳанда ҳадди ақалли маош, ки дар боло низ зикр гардид, ҷарима муқаррар гардидааст.

Бо вуҷуди талаботи қонунгузориҳо он аз тарафи баъзе шаҳрвандон дағалона вайрон карда мешавад. Аз рӯи далелҳои расонидани зарар ба табиат ба миқдори махсусан зиёд 7 парвандаи ҷиноӣ кушода, ҳоло корҳои тафтишотӣ идома доранд. Дар вилояти Қашқадарё 4 парванда аз рӯйи далели зарар расонидан ба 4 ҳазору 872 адад ферула боз шуд. Дар вилояти Сурхондарё бошад, 3 ҳолати зараровар ба 659 бех ниҳоли ороишӣ парванда боз шудаву тафтишот идома доранд.

Вазорат дар якҷоягӣ бо Прокуратураи генералӣ корҳои тадқиқотии ҳудудҳоро ҷиҳати пешгирӣ аз ҳодисаҳои расонидани зарар ба табиат идома медиҳад. Аз ҷумла, дар шабакаҳои иҷтимоӣ нашр кардаанд ва гуфта мешавад, ки дар ҳудуди беморхонаи кӯдаконаи вилояти Қашқадарё дарахтони ороишӣ бурида шудаанд, дарҳол гурӯҳи кории шуъбаи экологияи вилоят ба ин кор машғул шуд. Тадқиқот нишон дод, ки дар ҳудуди ҳамшафати бинои маъмурии маркази тиббӣ 20 дарахт осеб дидааст. Маблағи зараре, ки расонида шудааст, мувофиқи иловаи 4 Низомнома «Дар бораи тартиби шинондан, нигоҳубин ва истифода бурдани дарахту буттаҳое, ки ба фонди давлатии ҷангал дохил нашудаанд», 12 миллиону 705 ҳазор сӯмро ташкил медиҳад. Бо мақсади муайян намудани ҷинояткорон ва андешидани чораҳои қонунӣ аз рӯи ин ҳодиса ҳуҷҷатҳои ҷамъовардашуда барои пешниҳод ба Раёсати корҳои дохилии шаҳри Қаршӣ омода карда мешаванд.

Ҳамаи ин боигариҳои табиянд, ки бояд ҳамеша ҳифз карда шаванд. Дар он сурат мо метавонем онро барои манфиатҳои халқу давлат истифода барем. Ҳар як дарахт барои тоза нигоҳ доштани ҳаво ва кашидани нафаси тозаи мо хидмат мекунад. Барои ҳамин ҳатто ҳифзи ҳар як шохи дарахт аз фоида холӣ нест.

**Лола РАҲМОНБЕРДИЕВА, котиби матбуоти Вазорати экология, муҳити зист ва тағйирёбии иқлим.**

## ХАБАРҲО

### БУНЁДИ КОРХОНАИ ИСТЕҲСОЛИ ПОЙАФЗОЛ

**_Ноҳияи Ангори вилояти Сурхондарё дар қади шоҳроҳи Тошканд – Тирмиз ҷойгир буда, маҳз ҳамин роҳ Ўзбекистонро бо кишвари Афғонистон ва чанд мамолики Шарқ мепайвандад. Он дар гузашта низ ҳамчун Шоҳроҳи абрешим аҳамият дошт. Яъне минтақаи ҷуғрофии ноҳия барои пешрафт ва рушди соҳаи савдо ва саноат хело мусоид буда, айни замон дар ин самт корҳои назаррас ба сомон расонида шудаанд._**

Бозори замонавӣ, тиҷоратӣ, ки дар қади роҳ бунёд ёфтааст чун бозори ҷаҳонӣ маъруф аст, имрӯз аз ҷиҳати нархи наво аз дигар минтақаҳо ба куллӣ фарқ мекунад ва аксар мардумони навоҳии Бойсун, Шеробод, Бандихон, Қизириқ, Музработ, Тирмиз, Ҷарқӯрғон ва ҳатто худи шаҳри Тирмиз аз ин ҷо харид мекунанд.

Дар Ангор соҳаи саноат низ пеш рафтааст. Ҳоло дар ноҳия аз тарафи ҶММ «Top Qualty Brand» як лоиҳаи хело бузургҳаҷм, ки қимати умумиаш 17 миллион евро мебошад, амалӣ мегардад. Корхонае, ки бунёд мегардад, аз чарм маҳсулоти тайёри пойафзол истеҳсол мекунад. Он соле 220 ҳазор ҷуфт пойафзол истеҳсол намуда, бозори дохиливу хориҷиро бо маҳсулоти хушсифат таъмин месозад. Айни замон, корҳои насбкунии дастгоҳҳо, ки аз Италия ва Туркия оварда шудаанд, бо суръат давом доранд. Баъд аз он ки пурра ба кор дароянд, 300 нафар бо ҷойи кор таъмин мешаванд.

### МОҲИПАРВАРӢ – СОҲАИ СЕРДАРОМАД

**_Пайдост, ки мардум ба маҳсулоти гӯшту шир эҳтиёҷи ҳамарӯза доранд. Аз ин рӯ, давлат бобати ривоҷ додани соҳаҳои чорводорӣ, мурғпарварӣ, моҳидорӣ ҳамеша ғамхорӣ мекунад._**

Дар ноҳияи Ангор моҳипарварӣ ривоҷ меёбад. Аз ҳудуди он дарёи Қарасув ва канали Амузанг мегузарад. Дар маҳаллаи «Баҳор» хоҷагии фермерии моҳипарварии «Фаввора нур» чандин сол боз бо моҳипарварӣ машғул шуда, бозори дохилиро бо навъҳои гуногуни моҳӣ таъмин месозад. Алҳол ин хоҷагӣ ба 31 гектар майдон 6 ҳавз, ё худ кӯли сунъӣ бунёд намудааст, ки онҳо соле зиёда аз 50 тонна моҳӣ парвариш мекунанд. Хоҷагӣ 12 коргари доимӣ, 10 коргари мавсимиро бо кор таъмин намудааст. Моҳипарварӣ аз соҳаҳои сердаромад буда, моҳӣ маҳсулоти серғизост ва хеле муфид ҳам ҳаст.

### БУНГОҲИ ТИББӢ БА ИСТИФОДА ДОДА ШУД

**_Қариб се сол мешавад, ки маблағи буҷаи давлат барои ободсозии роҳҳои дохилии маҳалла, муассисаҳои тиббиву мактабу боғчаҳо харҷ мешаванд._**

Дар доираи татбиқсозии лоиҳаи «Буҷаи ташаббускор» дар нимаи дуюми соли 2022 поликлиникаи оилавии рақами 2-юми ноҳияи Ангор низ барои таъмири пурраи муассиса бо ташаббус баромада, соҳиби 1,2 млрд. сӯм маблағ шуд ва ҳоло аз он самарабахш истифода бурда, поликлиникаро пурра ба хидмати мардум омода сохт. Он ба зиёда аз 7,5 ҳазор аҳолии 2 маҳалла хидмати тиббӣ мерасонад.

**Олим ПАНҶИЗОДА, хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Сурхондарё.**

# НИШАСТИ СЕҶОНИБАИ САТҲИ ОЛӢ ДАР АШҚОБОД ПЛАТФОРМАИ БЕНАЗИР ВА МУҲИМ БАРОИ НИГОҲДОРӢ ВА ТАҲКИМИ РАВОБИТИ КИШВАРҲОИ ҲАМСОЯ ГАРДИД

(Аввалаш дар саҳ.1).

Азбаски аз мулоқоти роҳбарони се кишвари минтақа дар Ашқобод, пойтахти Туркманистон пешбинӣ намудани он душвор нест, ки мавзӯъҳои аслӣ масоили энергетикӣ ва нақлиёту логистикаанд.

Рӯзномаи нақлиёт ва логистика барои кишварҳои Осиёи Марказӣ ба омили муҳимтарини наздикшавӣ бо ҳамсояҳои калон табдил меёбад. Қариб тамоми моллҳои минтақа ба Ҷануб тавассути Туркманистон мегузарад. Аз сӯйи дигар, интиқоли бор аз ин минтақа акнун метавонад ба минтақаи ҷанубу ғарбии Осиё ва Ховари Миёна тавассути масири кӯтоҳтаре интиқол ёбад, ки он ҳам аз тариқи Туркманистон мегузарад. Ҳамакнун маълум аст, ки дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ Ўзбекистон ҳосили рекордии харбуза содир кардааст, ки як қисми он тавассути Туркманистон ба кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ расидааст.

Дар ҳамин ҳол, Тоҷикистон муддати тӯлонӣ дар мавриди интиқоли мол ба кишварҳои дигар тавассути Туркманистон музокира дорад. Ва формати кунунӣ имкон медиҳад, ки масъалаҳои муҳими муносибатҳои ду кишвар ҳал карда шаванд.

Дар ҳамин ҳол, Туркманистон низ ба густариши равобити мутақобилан судманди тиҷоративу иқтисодӣ бо ҳамсоягони худ дар минтақа манфиатдор аст. Қубури газ аз тариқи Ўзбекистон аз Туркманистон ба Чин мегузарад, ки гардиши боэътимоди пули накдро аз гази табиӣ таъмин мекунад.

Хамаи иштироккунандагони мулоқот дар Ашқобод аз ҳамкории ба ҳамдигар фоидабахш манфиатдор мебошанд. Аз ин рӯ, нишасти се президентҳо дар пойтахти Туркманистон метавонад идомаи талошҳои роҳбарони минтақа оид ба ҳамгироии беҳтари панҷ кишвари Осиёи Марказӣ бошад.

**АИ «Дунё».**

# КОРХОНАИ ИСТЕҲСОЛИ ХӮРОКИ ЧОРВО

**_Ба мақсади бо маҳсулоти арзони хӯрок – еми омехта таъмин кардани чорво дар вилояти Бухоро лоиҳаи муҳиме ба амал татбиқ гардид._**

Ташаббускори ин лоиҳа ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Buxo-ro Qorako`l Klaster» буда, қимати он 700 миллион сӯм аст ва барои чорвои хурду калон озуқа истеҳсол мекунад. Ҳарчанд ҷараёни сохтмон – монтажи бино ин ҷо ҳанӯз ба охир нарасидааст, корхона ба истеҳсоли маҳсулот оғоз кардааст. Рӯзе аз 10 то 20 тонна маҳсулоти хушхӯри чорво истеҳсол мегардад.

**А. АВЕЗОВ, мухбири «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.**

# «САЙРИ ХАРБУЗА»

**_Ба муносибати 32-солагии соҳибистиқлолии ҷумҳурӣ дар Маркази мадании «Бухорои кӯҳна ва боқӣ» чун анъана «Сайри хурбуза» баргузор гардид. Маълум аст, ки ин тадбир дар вилоят аз соли 1996 ин тараф ба амал меояд._**



Дар тадбири имсола, ки таҳти унвони «Саховати замини табарруки Бухоро» созмон ёфт, аз 11 ноҳия, 10 кластер, 2910 хоҷагии фермерӣ, 3500 нафар соҳибони қитъаҳои наздиҳавлӣ қариб бо 2 ҳазор тонна харбузаи навъҳои «Кӯкча», «Амирӣ», «Наботӣ», «Баргинай» ва ғайра иштирок карданд. Ба ғайр аз ин, дар ин ҷо ба савдои тарбузу меваи гуногун, маҳсулоти гуногуни асал низ эътибори ҷудогона зоҳир гардид.

Рӯзи охирини тадбир маросими тантанавии ҳавасмандгардонии ғолибон ва ҷоизадорон сурат гирифт. Байни ноҳияҳо ҷойи аввал ба ноҳияҳои Когон ва Ғиждувон, ҷойи дуюм ба ноҳияҳои Рометану Қарокӯл, ҷойи сеюм ба ноҳияҳои Шофиркону Вобканд насиб кард.

Байни хоҷагиҳои фермерӣ ҷойи аввал ба роҳбари хоҷагии фермерии «Маданият Муҳаммад Исмат»-и ноҳияи Бухоро Муҳаммадҷон Аҳмедов ва роҳбари хоҷагии фермерии «Абдураҳмонобод»-и ноҳияи Пешкӯ Абдухалил Раҳимов муносиб омад. Онҳо бо мототсикли сечархаи боркашон тақдир ёфтанд.



Ҷойи дуюм ба роҳбари хоҷагии фермерии «Зойир Аббос»-и ноҳияи Когон Камол Турдиев ва роҳбари хоҷагии фермерии «Нодирбек боғи»-и ноҳияи Ғиждувон Нодир Фармонов дониста шуд. Онҳо низ бо мототсикли боркашон тақдир шуданд.

Ҷойи сеюмро ба роҳбари хоҷагии фермерии «Йӯлдошбобо Файз»-и ноҳияи Рометан Неъмат Ҳакимов, роҳбари хоҷагии фермерии «Элмурод Дӯстмурод Шаҳриёр»-и ноҳияи Ҷондор Дӯстмурод Боймуродов ва роҳбари хоҷагии фермерии «И. Иброҳимов»-и ноҳияи Олот Шамсиддин Иброҳимов муносиб диданд. Онҳоро бо телевизорҳои замонавӣ тақдирониданд. Ба ғайр аз ин як қатор хоҷагиҳои фермерие, ки ба тадбир фаъолияти намунавӣ зоҳир карданд, рағбатманд гардонда шуданд.

**Амруллор АВЕЗОВ, мухбири «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.**

# БА ТАҚДИРИ СОҲИБОНИ ФАРДОЯМОН БЕФАРҚ НАБОШЕМ

***Ҷавонӣ давраест, ки барои оянда дурахшони инсон тухми некӣ мепошад.***

***Фардои шахсе, ки ин айёмро гиромӣ дошта, аз ин неъмат босамар истифода бурда, дар ҷамъият мавқеи муносиби худро меёбад, нурафшон хоҳад шуд.***

***Муҳимаш, солҳои охир дар мамлакатамон асосҳои ҳуқуқии ҷавонон мустаҳкам гардида, баҳри дастгирии ҳаматарафаи онҳо, ҳуқуқ ва ҳифзи манфиатҳои қонуниашон корҳои назаррас амалӣ мешавад.***

Дар рӯҳи ватанпарварӣ тарбия намудани ҷавонон, ба пешгирӣ кардани ҷинояткорӣ ва ҳуқуқвайронкунӣ байни онҳо эътибори алоҳида дода мешавад.

Аммо, мутаассифона, имрӯз байни ҷавонон афзудани ҳолатҳои ҷиноӣ ва ҳуқуқвайронкунӣ дида мешаванд. Дар ин хусус ташкилотҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ, намояндагони органҳои ҳифзи ҳуқуқ дар маҳаллаҳо, муассисаҳои таълимӣ ва корхонаву ташкилотҳо бо аҳолӣ аз наздик бояд суҳбатҳо гузаронанд, бахусус аз ҷониби нозирони профилактикӣ ҷиноятҳоеро, ки дар ҳудудҳои ба худ мансуб содир шудаанд, таҳлил намуда, ҳар як ҷинояту ҳуқуқвайронкуниро бо иштироки ҷамоаи васеъ муҳокима бояд кард.

Дар натиҷаи муҳокима ҷинояткор аз ҳаққи ҳамсоя, ҳаммаҳалла аз оқибати нохуши ҳаракатҳои ношоистаи худ шарм медорад, афсус мехӯрад.

Пешгирии бемории аз муолиҷааш беҳтар, гуфтаанд. Аввало сабабҳои ба ҷиноят даст задани ҷавонон, чораҳои бартараф намудани онро вазифаи худ шуморид. Ба таъкиди роҳбари давлат, тарбияи ҷавонон вазифаи масъулиятноки миллат ба шумор меравад: «Агар ба фарзандамон тарбияи дуруст надиҳем, ҳар рӯз, ҳар дақиқа аз роҳу равиш, аз кайфияти ӯ огоҳ шуда наистем, ба илму ҳунар ҳидоят нанамоем, ба кори муносиб ҷойгир насозем, ин амонатро аз даст доданамон мумкин». Ин суханони роҳбари давлат моро ба огоҳӣ ва ба вазифаамон доимо масъулиятнок буданро талқин менамояд.

Зеро имрӯз қувваҳои мухталифе, ки ҷавононро роҳгум занонда, ба доми худ мекашанд, хеле зиёд. Аз ҳама ташвишовараш он аст, ки дар кадом гӯшаю канори дунё ягон ҷиноят содир гардад, албатта, дар ин ҷараён аз ҷавонон истифода мебаранд. Маърифатпарвари бузурги халқамон Абдулло Авлонӣ низ тарбияи ҷавононро беҳуда «масъалаи ҳаёту мамот» нагуфтааст. Зеро аз тарбияи нодуруст ва сабуки ҷавонон ба ҷамъият, маҳалла ва оила ягон нафъ намерасад. Ба ҷиноят даст задани ҷавонон инъикоси беэътиборӣ ё дар роҳи тарбияи онҳо ба хато роҳ додан мебошад.

Таъкид бояд кард, Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ба қарибӣ дар давоми ташрифи худ ба вилояти Фарғона ба ин масъала алоҳида истода гузашт. Дар ҷамъомад роҳбари давлат корҳои соҳаи ҳуқуқу тартиботро таҳлил карда, иҷрои вазифаҳои ояндаро муайян намуд. Аз ҷумла, якчанд масъалаи танқидию таҳлилӣ муайян карда шуданд.

Якум, дар ҷамъомад гуфта шуд, ки дар мамлакат вазъияти криминалӣ мураккаб шудааст, нишондиҳандаи маҳаллаҳое, ки ба тоифаи «сурх» дохил шудаанд, бисёртар ба шаҳри Тошканд, вилоятҳои Фарғона, Қашқадарё, Бухоро ва Намангон рост меояд.

Дуюм, таъкид гардид, ки интихоби кадрҳо ба вазорати корҳои дохилӣ ва ҷобаҷо мондани корҳо ғайриқаноатбахш ба роҳ монда шудаанд.

Сеюм, дар маҳалла доир ба пешгирии ҷиноят ҷорӣ намудани тартиби нави корро ба нақша гирифтанд.

Чорум, ба вазоратҳои корҳои дохилӣ ва технологияҳои рақамӣ супориш дода шуд, ки дар муддати ду моҳ дар ҳар як вилоят – ноҳия – маҳалла мушкилоти иҷтимоӣ ва криминалиро тавассути рақамикунонӣ ба шакли ахбори «Вазъияти иҷтимоӣ» ба кор дароваранд.

Панҷум, дар ҷамъомад таъкид гардид, ки аксарияти ҷинояткорон ҷавонон мебошанд.

Шашум, бо мақсади ба роҳ мондани кор бо ҷавонони ғайримуташаккил дар асоси муносибати ягона ташкил кардани шӯроҳои байниидоравӣ ва минтақавиро пешниҳод намуданд.

Ҳафтум, Агентии миллии ҳифзи иҷтимоӣ якҷо бо ҳокимони вилоятҳо то охири сол дар ҳамаи минтақаҳо бояд марказҳои ба аҳолӣ кумакрасони «Инсон»-ро ба кор андозад.

Ҳаштум, таъкид гардид, ки дар асоси тамоюли «Бехатарии ҳаракати роҳ – дар назорати ҷамъият» дар як сол камаш ду маротиба баргузор намудани пурсиши иҷтимоӣ ба роҳ монда шавад.

Инчунин, супурда шуд, ки бо ҳамкории Вазорати корҳои дохилӣ, Вазорати коҳиши камбизоатӣ ва шуғли аҳолӣ, Кумитаи оила ва занону духтарон, Агентии кор бо ҷавонон бо аҳолии шароити зиндагиаш вазнини ба ҷинояткорӣ моил дар асоси тамоюли «профилактикаи иҷтимоӣ» вазифаҳои «панҷгонаи маҳалла»-ро дақиқ муайян намоянд, бо назардошти тоифаи синну сол ва вазъи иҷтимоию моддиашон барои ҳар як гурӯҳ методикаи алоҳидаро кор карда бароянд.

«Эътибор диҳед, қисми зиёди ҷиноят аз ҷониби ноболиғон содир мешавад. Дардовар аст, ки байни ноболиғон ҷинояткороне ҳастанд, ки ҷинояти вазнинтарин содир кардаанд», гуфт роҳбари давлат.

Фарзандони аз ҷон азизамонро аз кӯдакӣ чӣ тавр тарбия намоем, ҳамон тавр ба воя мерасанд. Дар ин, албатта, муҳити ҷамъият, оила ва маҳалла аҳамияти муҳим дорад. Бачае, ки худаш, оилааш, халқашро ҳурмат мекунад ва дӯст медорад, ба кӯчаи ҷиноят ва ҳуқуқвайронкунӣ намедарояд.

Доир ба тарбия дар китоби Имом Ғаззолӣ «Иҳёу улум уд дин» чунин гуфта шудааст: «Фарзанд амонат аст дар дасти падару модар ва дили фарзанд нафис асту нақшпазир. Ҳар нақше, ки ба ӯ гузорӣ, чун мушк ба худ бигирад ва чун замин пок аст, ба саодати дину дунё расад, падару модар дар он савоб шарик бошанд. Агар тухми бадӣ афканӣ ва ӯро ба ҳолаш гузорӣ ва ба ҳарҷӣ хоҳад нишинад, ҳаргиз аз вай умеди некӣ макун».

Хулоса, набояд фаромӯш кунем, ки фардоямон дар дасти ҷавонон аст. Барои дар бунёдкорӣ ва ободии мамлакат фаъол иштирок намудани ҷавонписарону духтаронамон ва баҳри таъмини чунин корҳо ҳама якҷоя бояд саъй намоем, талаби давр низ чунин аст.

**Эркинҷон МАҲМУДОВ,**
**роҳбари шуъбаи адлияи шаҳри Қӯқон. (ЎзА).**

**Бо ин ном мақолаи шодравон Пайванди Гулмуродзода соли 2006 дар нашрияи Бунёди фарҳанги Тоҷикистон «Фарҳанг» (№1) чоп шудааст ва дар он ёддоштҳои даврай бачагӣ вобаста ба шахсони маъруфи давр ва баъдӣ низ аз рӯзгори баъзе муҳаққиқон нақл мекунад. Дар он аз хусуси қаҳрамони рӯзҳои мо Бозоргул Назарови ухмӣ, ки ба қарибӣ ба муносибати Рӯзи дӯстии халқҳо ба ордени «Дӯстлик» мушарраф гардид, низ сухан меравад.**

***Пайванди ГУЛМУРОДЗОДА***

# САРОБИ ИЛМ

32 сол муқаддам дар авалҳои моҳи май ба хонаамон аз Тошканд академики АУ Ӯзбекистон, дорандаи ҷоизаи давлатии ба номи Ленини собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, доктори илми геология, профессор Иброҳим Ҳамробоев бо рӯзноманигор ва нависандаи маъруф Саъдулло Кароматов ташриф оварданд, ки олими соҳаи геология 15-16 сол пеш, замоне, ки ман ду-се сола будаам, бо мақсади гузаронидани ҷустуҷӯйи геологӣ ба деҳаи мо омада, чанд муддат дар ҳавлии мо истиқомат ва бо падарам риштаи дӯстӣ пайдо карда буданд. Мақсади сафарашон ҷамъоварии мавод ба китоби нави нависанда Саъдулло Кароматов буд, ки ба ҳаёту фаъолияти ин олими маъруф бахшида мешуд.

Меҳмонон сӯҳбати гарме доштанд, аз диду боздидҳояшон ва қаҳрамони китоби оянда аз ҷустуҷӯҳои худ дар ин мавзеи кӯҳистони дурдаст бо шавқ нақл мекарданд, ки вазифаи ман хидмат ба онҳо буд. Дар омади гап пурсид, ки мактабро кай тамом мекунам. Ба ҷойи ман падарам посух доданд, ки ҳамин сол.

– О, мо дар вақташ омадаем-ку! – нидо кард И. Ҳамробоев. – Ҳамин ки имтиҳонҳо тамом шуд, ба Тошканд ба назди ман фиристонед, аз ҳамин деҳа ҳам як геолог бароянд. Ҳамроҳи бачаҳо дар хонаи мо меистад, забонро дурусттар меомӯзад, ки оянда ба кори илмӣ машғул шавад. Ҳамин мавзеъҳое, ки мо дар кӯҳистони шумо кофтуков гузарондем, кори тайёр аст, – илова кард олими номдор.

– Бо як ҳамсинфаш нияти ба Душанбе рафтан дорад. Ба Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи Ленин дохил шуданист. Ман мехоҳам, ҳуқуқшинос шавад, ӯ орзуи журналистӣ дорад.

– Хуб аст, ҳамкасби мо мешудааст, – ба сухан ҳамроҳ шуда, маро ҷонибдорӣ кард С. Кароматов.

– Мехостам як фарзандатонро ҳамкасби худ кунам, ки рафтуомадамон зиёд шавад. Бо баҳонаи фарзандатон ба хонаи мо ҳам меомадед. Чанд сол боз ҳамдигарро надидем, то ман наоям, Шумо намеравед, – гилагузорӣ кард олими маъруф.

– Тарзе гап мезанед, ки гӯё аҳли оилаатон Шуморо серӣ медида бошад, – шӯхӣ кард нависанда. – Шояд наберахояшон ҳам дуруст нашиносанд ин касро. Чанд сол боз аз қафояшон гашта, базӯр ба даст даровардему боз ин кас аз дигарҳо гилагузорӣ мекунанд.

Ҳама бо завқ хандиданд.

Ман он вақт дуруст сарфаҳм намерафтам, ки барои чӣ аҳли оилаашон серӣ надида, наберахояшон дуруст намешинохтаанд?!

Баъди гузашти солҳо ва ошноӣ бо кору бори геологҳо, мутолиаи гуногун оид ба ҳаёту фаъолияти соҳибони ин пешаи наҷиб дарёфтам, ки қисми зиёди умри ин тоифаи мардум дар кӯҳу дара, дашту даман гузашта, дар маҳалу манотиқ, кишвару мамлакатҳои гуногун паси сар мешуда...

Бо ҳукми тақдир дар миёнаи моҳи майи соли 1973 бобои Азиз – падари бузургвори дӯсту ҳамсинфам Ҳомид моро бо мақсади шиносоӣ ба Душанбе – ба хонаи Муҳаммадӣ Юнусов оварданд. Шаҳрро тамошо карда, бо донишгоҳҳо ошно шуда, ба хулосаи қатъии таҳсил дар донишгоҳҳои Душанбе – ман дар Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ва Ҳомид дар донишгоҳи омӯзгорӣ омадем. Ба деҳа баргашта аз сафари нахустинамон бо поезд ва диду боздидҳоямон бо шӯру шарар, завқу шавқ ба ҳамсинфонамон нақл мекардем, ки шарикдарсонамон гӯшу ҳуши нақли мо буданд. Аҷаб лаззате дорад тамошои макони нав ва таъассуроти рангини бачагӣ...

Қисса кӯтоҳ, баъди хатми мактаб боз роҳи Душанберо пеш гирифтем, ки ин дафъа роҳбаладҳои мо падарам ва тағоям Шодибой буданд. Дили падарам кашол ба факултаи ҳуқуқшиносӣ буд ва мехостанд, ки ман чун ҳуқуқшинос бар зидди ҳаннотон, мардумфиребон, беинсофҳову қаллобон мубориза бурда, барои адлу инсоф, ҳақиқату адолат талош кунам. Ба дигар кормандони ҳифзи ҳуқуқ намунаи ибрат бошам, ки ин ҳама аз бор кардани тӯҳмат ба падари бегуноҳам ва эълом доштани ҳукми бист соли зиндон маншаъ мегирифт. Пиндору ҳадафашон хайрхоҳона ва олиҷаноб буд. Вале шояд амиқ дарк намекарданд, ки як нафар аз ӯҳдаи барҳам задани тамоми беадолативу ноҳақӣ баромада наметавонад ва бояд теша ба реша зад. Ин қиссаи талхи зиндагии падари бузургворам мавзӯи ҷудогона аст, ки бо даст додани имконият ба риштаи таҳқиқу баррасӣ кашида хоҳад шуд...

Тасодуфан ҳамнишинӣ бо мӯйсафеде дар чойхона ва як сухани ӯ – падар писарро бо умеди шунидани раҳмат тарбият мекунад, Шумо лаънат мехостаед, падарамро аз райъашон баргардонд. Ҳарчанд кормандони ҳифзи ҳуқуқ аз рӯйи қонуну адолат ба гунаҳкорон ҷазо муайян мекунанд, боз дар ҳаққашон носазо мегӯянд, ки ишораи мӯйсафед ба ҳамон буд.

Баъди бомуваффақият супурдани имтиҳонҳо, вале нарасидани ним хол дар комиссия ва бо даву този сазовори номи донишҷӯ шудан ба деҳа баргаштам, ки шиносномаву ҳуҷҷати ҳарбиро аз қайд бароварда, ба Душанбе биёям. Чанд рӯз дар деҳа мондам ва ҳангоми гусел амакам – акои Мӯсобой хоҳиш карданд, ки ба Баҳром Шермуҳаммадов, Рӯзӣ Аҳмадов, Фарруха Зеҳнӣ ва Маҳвашхон Ҳодизода – кормандони Институти забон ва адабиёти АИ Тоҷикистон, ки 15-16 сол пеш барои ҷамъоварии эҷодиёти шифоҳии мардум ба деҳаҳои кӯҳистони Фориш сафар карда, чанд рӯз дар ҳавлии онҳо монда, бо мошини боркаши он кас аз деҳа ба деҳа рафта, намунаи эҷодиёти шифоҳии мардуми ин маконро гирд оварда буданд, хатман салому паём расонам.

Баъди чанд рӯзи оғози дарсҳо ба Институти забон ва адабиёт рафтам, ки онҳоро бинам. Гуфтанд, ки ҳуҷраи онҳо дар қафои бинои Раёсати Академия аст. Соат тахминан аз се гузашта буд, ки дари ҳуҷраи дуюмро беҷуръатона кушода, салом додам ва бо овози паст муаллим Шермуҳаммадов дар куҷо бошанд, гуфтам. Марде, ки рӯ ба сӯйи тиреза саргарми мутолиа буд, сарашро аз рӯйи коғазҳо бардошта, ба сӯйи дар нигоҳ дӯхта, ман Шермуҳаммадов гуфт. Аз дар даромада, бо азоб худро шинос кардам:

– Ман аз Фориш, ба Шумо акои Мӯсобой салом гуфтанд.

– Эҳ, эҳ, шумо кай омадед, – айнакашро аз чашм гирифта, аз ҷой баланд шуд ҳамсӯҳбати ман ва ба сӯям даст дароз кард.

– Ман ҳамин ҷо мехонам, дар университет, – бо овози паст гуфтам.

Ба нишастан даъват кард:

– Аз Ӯхм мешавам, гӯед. Бобо чӣ туранд, бобо. Бобои Ризвон?

Тахмин кардам, ки амакам бобои Рӯзмонро дар назар доранд, ки дар «Таронаҳои Самарқанд» сурату чанд шеъру рубоиро аз забони он кас ба нашр расонда буданд.

(Давомаш дар саҳ.4).

***Озмун***

# ВОРИСОНИ МУНОСИБ

***Дар шаҳри Самарқанд навбати ҷумҳурии озмуни «Ворисони Тумарис» баргузор гардид, ки дар он беш аз 200 нафар ходимони корҳои дохилӣ аз тамоми вилоятҳои кишвар иштирок намуда, истеъдоди хешро доир ба ҳозирҷавобӣ ва чолокӣ, ҳунармандӣ ва заковату хидмати беминнат ба меҳмонону мизбонон намоиш доданд.***

Ҷойи аввал ба курсантҳои Академияи Вазорати корҳои дохилӣ насиб гашт. Ба шоҳсуфаи дуюм ва сеюм вакилон аз Қароқалпоқистон ва Самарқанд баромаданд.

Барои иштирокдорони мусобиқа саёҳат ба ҷойҳои таърихӣ ва маҷмӯаи «Шаҳри абадӣ»-и Самарқанд ташкил гардид.

– Барои иштирок дар озмун хеле тайёрӣ дидем, – гуфт корманди Академияи Вазорати корҳои дохилӣ Наталя Кондратева, – бинобар ҳамин ин комёбиҳо натиҷаи меҳнати тамоми ҷамоати мо аст. Бояд таъкид намуд, ки дар озмун аз ҳама душвор гавак кашида роҳ паймудан буд, ки аз иштирокдор тайёрии ҷиддии ҷисмонӣ талаб мекард.

Албатта, таассурот аз қувваозмоӣ ва боздидҳои Самарқанд як олам аст. Дар ҳақиқат шаҳри шумо макони сайёҳони хориҷӣ ва дохилӣ хоҳад монд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**



*Маркази китобхона-ахбори ба номи Маҳмуд Замахшарии вилояти Хоразм ба мақсади баланд бардоштани маънавияти халқ босамар фаъолият мебарад. Дар ин маскани зиё хонаҳо барои ҷавонон, ахбори ҳуқуқӣ, модару кӯдак, ходимони илмӣ, технологияи ахбор, хидматрасонӣ, гӯшаи таърихи кишваршиносӣ, адабиёти хориҷӣ, маҷлисгоҳ мавҷуд. Миқдори истифодабарандагон аз 23 ҳазор зиёд буда, аксари онҳо ҷавононанд.*

*Ин ҷо беш аз 618 ҳазор нусхаи ҳуҷҷат маҳфуз.*

*Марказ бо таълимгоҳҳои олӣ, миёнаи махсус, таълими халқ, раёсати тандурустии вилоят, шуъбаи вилоятии иттиҳодияи нависандагон, маркази маънавият, Академияи Маъмун алоқаҳои ҳамкориро ба роҳ мондааст.*

***Дар сурат:** дар маркази китобхона-ахбори вилояти Хоразм.*

***Суратгир: Б. САИДОВ (ЎзА).***

***Муаррифии китоб***

# «ҚАДАМҲОИ НИМ АСР»

Январ Иноятовро мардуми Қашқадарё эҳтиром мекунанд. Ҳаёти ин шахс ба хидмати халқ бахшида шудааст. Солҳои 1971-1975 ва 1988-1992 дар Деҳқонобод, солҳои 1984-1988 дар ноҳияи Шаҳрисабз роҳбари аввал шуда кор кардааст. Мушкилоти мардумро осон намуда, роҳу кӯприкҳо сохт, боғу роғ бунёд кард. Меҳнатҳои самарабахши чандинсолааш ба таври бояду шояд қадр шуданд. Я. Иноятов бо унвони фахрии «Ходими хидматнишондодаи хоҷагии қишлоқи Ҷумҳурии Ӯзбекистон», орденҳои «Эл-юрт ҳурмати», «Меҳнат шуҳрати» ва медалҳо мукофотонида шудааст.

Ӯ ҳоло 86 сола аст. Бо вуҷуди ин дар хидмати халқ мебошад. Аз соли 1971 депутати шӯрои депутатҳои халқи вилояти Қашқадарё, айни замон ба ҳайси мушовири раиси вилоят оид ба кор бо собиқадорон фаъолият дорад.

Чанде пеш дар бинои мактаби бачагонаи мусиқӣ ва санъати рақами 5-уми ноҳияи Деҳқонобод муаррифии китоби ӯ «Қадамҳои ним аср» баргузор гардид.

Дар китоб роҳи тараққиёти ноҳияи Деҳқонобод дар 50 соли охир ва зиндагии пурмаҳсули деҳқонободиҳо инъикос ёфтааст. Муаллиф бисёртар воқеаҳои бо чашми худ дидаро ба қалам додааст. Дар китоб душвориҳое, ки роҳбари якум аз рӯзҳои аввали ташкилёбии ноҳия рӯ ба рӯ шуда буд, азобу машаққати ӯ дар ҳалли мушкилот тасвир ёфтааст, ки хонандаро бефарқ намемонад.

Инчунин, дар китоб табрикоти Президент Шавкат Мирзиёев ва суханҳои нек дар бораи Январ Иноятов оварда шудаанд.

Дар маросими муаррифии китоб узви Сенати Олий Маҷлис Абдураҳим Эркаев, ҳокими ноҳия Зоир Алиқулов, собиқадорони меҳнат Алламурод Тоҷиев, Ҳусниддин Нуриддинов, Норменглӣ Худоёров ва дигарон дар бораи роҳи ҳаёти пурмазмун ва корҳои наҷиби Иноятов ва арзиши китоб сухан ронданд.

**Абдуқаюм БЕККАМОВ,**
**ноҳияи Деҳқонободи вилояти Қашқадарё.**

# БОҒЧАИ НАВ ДАР СИНТОБ

***Имрӯзҳо дар шаҳраку маҳаллаҳои дурдаст ҳам барои хурдтаракон боғчаҳои бачагона сохта, ба истифода супурда мешавад. Ин ҳол на танҳо хурдсолон, балки волидони онҳоро низ хушҳол месозад, зеро пойдевори таълиму тарбия аз боғча оғоз меёбад.***



Ба қарибӣ дар маҳаллаи Синтоби ноҳияи Сайҳунобод муассисаи нави таълими томактабии давлатии рақами 13 ба истифода супурда шуд.

Бино дуошёна буда, аз ҷониби ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Улкан мерос транс» бар ивази ду миллиарду панҷоҳ миллион сӯм қомат афрохт. Муассиса барои 150 нафар кӯдак пешбинӣ гардидааст. Дар маскани тарбия шабакаи санитарию гигиенӣ, нуқтаи тиббӣ, хонаҳо мувофиқи синну сол, толори мусиқӣ, шоҳмот, шашка, хонаи омӯзиши забонҳои хориҷӣ, ошхона, зали хӯроки умумӣ, айвончаҳои тобистона, майдончаи бозӣ барин қулаиҳо бо бати истироҳат дар хидмати хурдтаракон мебошанд.

Назар ба гуфти мудира Дилафрӯз Қурбонова, айни замон дар миқёси ноҳия 16 муассисаи таълими томактабии давлатӣ, шашто хусусиву давлатӣ, 56 боғчаи оилавӣ фаъолият мекунанд, ки дар онҳо 92 фоиз бачаҳо фаро гирифта шудаанд. Дар назар аст, ки боз чор муассисаи таълими томактабӣ ифтитоҳ ёбад, то охири сол ин нишондиҳанда ба сад фоиз хоҳад расид.

— Дар маҳаллаамон 15 сол боз боғча набуд, ин барои мо нороҳатии зиёд ба вуҷуд меовард. Фарзандонамонро бо тайи масофаи дур бо автомобил, ба маркази ноҳия мебурдем. Имрӯз рӯзҳое, ки орзу мекардем, фаро расид. Мо аз ин хеле шодем, — мегӯяд раисии маҳалла Олим Худойбердиев.

**Далер АЗИЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

*Вилояти СИРДАРЁ.*

***Суратгир:** муаллиф.*

*Табиби ман – ҳабиби ман*

# САЗОВОРИ БОВАРӢ БОШЕМ

***Табиб барои ҳифзи саломатии инсон, ки бебаҳотарин сарвати дунё маҳсуб мешавад, талош меварзад ва дар дилаш шамъи умед афрӯхта, ӯро ба ҳаёт бармегардонад. На ҳар як шифокор метавонад пештози соҳаи худ гардад. Ба ӯ қабл аз ҳама дақиқкорӣ, сабру тоқат, меҳрубонӣ ва дар айни ҳол собитқадамӣ, қобилият, ҳисси баланди масъулиятшиносӣ лозим аст.***



***Дар сурат: Дилором Ҳасанова** (дар мобайн) бо ҳамкоронаш **Дилдора Пӯлатхонова** ва **Лутфияхон Ҳамроева**.*

Яке аз чунин кормандони соҳаи тиб, ки ба хотири саломатии мардум фидокорона меҳнат мекунад ва сазовори эътибору эҳтиром гардидааст, акушер-гинекологи тоифаи олӣ Дилором Ҳасанова мебошад.

Ӯ соли 1951 дар шаҳри Турсунзодаи Тоҷикистон таваллуд ёфтааст. Соли 1979 Донишкадаи тиббии Тоҷикистонро хатм намуда, тақозои тақдир ба ноҳияи Косонсойи вилояти Намангон омад. Аз соли 1981 инҷониб фаъолияти худро дар шуъбаи гинекология ва паталогияи занони ҳомилаи иттиҳодияи тиббии ноҳияи Косонсой идома медиҳад.

Ӯ беш аз 40 сол аст, ки дар ин кору вазифа аст. Дар тӯли ин солҳо ӯ садҳо беморонро шифо бахшида, дояи садҳо кӯдакон гардидааст. Таҷриба, дониш ва маҳорати солҳои зиёд андӯхтаашро ҳоло ба шогирдонаш меомӯзад, яъне мактаби устоду шогирдро ба амал татбиқ менамояд.

– Ҳамчун акушер гинеколог ҳифзи саломатии занону духтаронро вазифаи аввалиндараҷаи худ мешуморам. Шикояти онҳоро шунида, сабабҳои пайдоиши бемориро меомӯзам ва мувофиқи он ба табобат мепардозам, – гуфт ҳангоми суҳбат бо мо Ҳасанова.

**– Дилором Мирзораҳимовна, имрӯзҳо занон бештар аз чӣ шикоят мекунанд?**

– Онҳо асосан аз камхунӣ, фишори баланди хун шикоят мекунанд. Сабаби ин истеъмоли нодурусти ғизо ва нарасидани витаминҳост, зеро имрӯз тағйирёбии обу ҳаво, олуда гардидани атмосфера ва норасоии оксиген дар тана омили ин бемориҳо мегардад. Аз ин рӯ, тавсия медиҳам, ки маҳсулоти сервитаминро бештар истеъмол кунанд.

**– Оё шарт аст, ки занону духтарон бе ягон сабаб ба духтур муроҷиат кунанд?**

– Сарфи назар аз он, ки занону духтарон беморанд ё на, муоинаи гинекологҳо бояд дар як сол як маротиба гузаронида шавад. Ба сифати гинеколог ман бояд беморонро аз 18-солагӣ қабул кунам. То ин синну сол тавсия медиҳам, ки духтарон аз назорати гинекологи кӯдакон гузаранд.

Бисёр вақт беморон метарсанд ё шарм карда, бо мушкили худ ба духтур муроҷиат намекунанд. Вазифаи ман пешгирии ҳолатҳои хоси занона аст, зеро аз модари солим, фарзанди солим ба дунё меояд.

**– Дар тарзи муқаррарии ҳаёти занон ба беморӣ гирифтор шудани онҳо чӣ сабаб мегардад ва барои пешгирии бемориҳо чӣ маслиҳат медиҳед?**

– Имрӯз дар бораи тарзи ҳаёти солим, масъулияти ҳар як шахс дар назди худ бисёр ҳарф мезанем. Фикр мекунам, чорабиниҳои профилактикӣ ва табобати саривақтӣ бисёр зарур аст.

Маслиҳати ман ин, ки занону духтарон ба саломатии худ эътибор диҳанд. Агар пеши бемориро саривақт нагиранд, ба оқибатҳои номатлуб оварданаш мумкин.

**– Занони ҳомила барои беҳтар кардани системаи иммуни худ бояд ба чӣ эътибор диҳанд?**

– Системаи иммун асосан аз маводи ғизои табиӣ, меваю сабзавоти тар ва хушк ҳосил мегардад. Мо кӯшиш менамоем, ки бо воситаҳои ёрирасон, хун ва дору кумаки тиббӣ расонем.

**– Модар барои ба дунё овардани кӯдаки солим чӣ бояд кунад?**

– Танҳо дар сурати солим будани модар фарзанди солим ба дунё меояд. Пас, пеш аз ҳама модар бояд тарзи ҳаёти солимро риоя кунад.

Бояд бигӯям, ки имрӯз тибби муосир ба зинаи баланди инкишоф расидааст, ки сабаби беҳбудии зиндагии мост. Шифокорон бояд, дар баробари маҳорати баланди касбӣ доштан, бо ҳисси масъулият адои вазифа намоянд. Охир, ба мо ду ҳаёт – ҳаёти модар ва кӯдакро бовар карда месупоранд.

Суҳбаторо **Махфират МАМАҶОНОВА,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**
*Вилояти НАМАНГОН.*

# САРОБИ ИЛМ

(Аввалаш дар саҳ.3).

– Хубанд, салом гуфтанд.

Баъди пурсуҷӯйи зиёде ва шинос кардан бо чанде аз ҳамкоронашон қаламу коғаз ва айнакашонро ба портфели ҷигарранг андохта, аз ҷой хестанд ва хона меравем, гуфтанд.

– Ягон рӯзи дигар, ман ҳоло кор дорам, – хиҷолатомез баҳона пеш овардам.

– Хонаи мо он қадар дур нест, роҳи хонаро нишон диҳам, ки гоҳгоҳ моро хабар гиред.

Аз дар берун шуда, аз тарафи чапи бинои академия ба кӯчаи калон баромадем ва аз паҳлӯи бинои филармония то ба назди мағозае расидем. «Ҳозир як дақиқа» – гуфта, ба магазин даромаданд ва дар дасташон коғазпече берун шуданд. Ба тарафи рост гаштем ва дар назди даромадгоҳ: «хонаи мо ана ҳамин ҷо» – гуфтанд.

Аз зинапоя ба ошёнаи сеюм баромадем, ки дар дари тарафи рост рақами 11 сабт шуда буд. Нуқтаро зер карданд, ки садои занг баланд ва дарро зани миёнақади хандонрӯе кушод.

– Меҳринисо, як хеши форишиамро ёфта овардам, – бо табассум ба ҳамсарашон шинос карданд. Ду духтарча-яке зардинаи чашмкабуд, дигаре мӯсиёҳ ба пешвози мо давиданд.

– Инҳо Рухшонаву Фарзона, – онҳоро ба навбат бусида шинос карданд Б. Шермуҳаммадов. – Ин амакатон аз Фориши Самарқанд, дар университет мехонанд, – маро ба ин духтараконии хурд шинос карданд. Ман аз ин муносибати самимонаи муаллим ба кӯдаконашон, ки бо онҳо чун ба калонсолон муносибат мекарданд, бо ҳайрат наззора менамудам. Чунин муносибатро бори аввал дар хонаи Муҳаммадӣ Юнусов бо духтарчаҳои дӯстрӯякашон Фирӯзаву Нодира дида будам.

Ба ҳуҷраи тарафи чап даромадем. Янгамулло дар як дам дасторхон густурда, чой оварданд. Шириниву мева гузоштанд. Баъди каме тановул Б. Шермуҳаммадов аз қиссаҳои сафари аввалу дуюмашон ба деҳаҳои тоҷикнишини Порашт, Ӯхм, Моҷарм, Синтоб, Эҷ нақлҳои шавқоваре карда, китобҳои «Афсонаҳои Самарқанд»-у «Таронаҳои Самарқанд», сурату дафтарҳои хотираашонро нишон доданд, ки ҳар кадоме ёди неке аз он айём буд.

Шиносоии нахустини банда бо фолклоршиноси маъруф, инсони шариф ва хоксору хайрхоҳ Баҳром Шермуҳаммадов ҳамин тавр сурат гирифта, баъдан ба муносибати бародарона табдил ёфт, ки худашон чун бародар ва ҳамсарашон чун хоҳари калонӣ ҳамеша маслиҳатгару роҳбаладам буданд. Бе ҳеҷ истилоҳаву андеша ба хонаашон мерафтам ва дар ҳалли ҳар мушкилот ёриву мадад мепурсидам. Маҳз бо мададу роҳбаладии он кас дар радиои тоҷик ба кор шурӯъ кардам. Дар лаҳзаҳои вазнинтарини ҳаётам нагузоштанд, ки танҳоиву дурии падару модар, хешу таборамро эҳсос кунам. Онҳо дар қатори дигар дӯстону бародарон ва хоҳарони душанбегиам дар паҳлӯям буданд, ғами маро ба ҳам диданд. Бо маслиҳату насиҳатҳояшон диламро ба зиндагӣ гарм карда, нагузоштанд, ки ба вартаи яъсу ноумедӣ афтам. Дар ҳамон лаҳзаҳои тақдирсоз нагузоштанд, ки аз раъйям-сафари Маскав ва таҳсил дар аспирантура баргардам. Ҳар чӣ ояд ба сари фарзанди одам бигзарад, мегуфтанд.

Шукри Худо, ки тақдир маро дар зиндагӣ бо чунин одамони содда, ростқавлу меҳрубон, якрӯву якзабон ва дурандешу накӯхислат рӯ ба рӯ, ҳамнишину ҳамсӯҳбат кард. Маҳз аз баракати онҳо дар зиндагӣ роҳи худро ёфтам, одаму оламро шинохтам ва аз рӯйи тавон накӯкориву пос доштани нону намакро омӯхтам...

Муаллим Б. Шермуҳаммадов хислати аҷибе доштанд: бо ҳар кас тез унс мегирифтанд ва ба зудӣ забон меёфтанд. Бо кӯдак ба забони кӯдакона, бо мӯсафедон бо лабони пурханда ва мулоимии ба худ хос сӯҳбат мероростанд. Дар чанд соли рафту омад ба хонаашон ва ҳамнишинӣ боре ҳам овози баландашонро нашунидаам. Дар иншои мақола, таҳияи матни фолклорӣ, рисолаву асари тадқиқотӣ саросема намешуданд ва бафурҷа гаштаву баргашта ҳар як нигоштаашонро аз назар мегузаронданд. Ҳамин дақиқ санҷиву мулоҳизаи амиқ намегузошт, ки рисолаи доктории кайҳо омодаашонро ба ҳимоя пешниҳод кунанд. Борҳо янгамуллову дӯстонашон муаллимро барои зудтар ба ҳимоя пешниҳод кардани рисолаашон талқин мекарданд, вале ҳамеша як ҷавобро мешуниданд:

– Ками дигар монд, рӯзҳои наздик ислоҳ мекунам.

Ҳар гоҳе ба хонаашон меомадам, янгамулло бо оҳанги хоси худ ба ман мегуфтанд:

– Кори муаллиматон намак хӯрд, гӯед, ба муҳокима пешниҳод кунанд.

Ин лаҳзаҳо суханони аз забони муаллим чанд сол пеш, ҳангоми ҳамсафариам дар деҳаи Ӯхми Фориш шунидаам, ба хотирам мерасид...

Он рӯз дар ҷустуҷӯйи момои Бозоргул, ба ибораи Б. Шермуҳаммадов, кони афсона аз дараи серобу хушбӯду ҳавои кӯҳистон роҳ ба сӯйи биёбон – юртаҳои чӯпонӣ пеш гирифтем, ки дар масофаи 10-12 километри поёни деҳа ҷойгир буданд. Кампири Бозоргул барои хабаргирии наберaҳояшон ба он ҷо рафта буд ва муаллим баъди 20 соли вохӯрии аввалину охиринашон мехостанд, ки бори дигар кони афсонаву таронаро бубинанд ва овозашро дар фитаи магнитофон сабт кунанд.

Мошини боркаш дар дашти бекарон ба пеш медавид. Ҳавои тафсони тобистонро реги биёбон боз ҳам метасфонд. Шамоли мошин сару рӯйи мо се нафар мусофиронро табъи дили хеш мелесид. Аз дур ҳар ҷо-ҳар ҷойи биёбон давраҳои гулобӣ ба назар мерасид, ки ба гумони ғолиб кӯли пур аз обро мемонд.

– Саробро дидаед? – бо овози баланд пурсиданд ҳамсафарам.

– Аз забони калонсолон бисёр шунидаам ва аз асарҳои адибон борҳо хондаам, вале надидаам, иқрор шудам бо овози баланд, ки ба гӯши ҳамсафарам расад гуфтаҳоям ва садои мошинро пахш кунад.

– Ана ҳамон давраҳо саробанд, ки дар гузашта чандин корвонро фиреб дода, ба ҳалокат расонида, – тавзеҳ доданд ҳамсафарам. – Шумо, ки унвонҷӯ ҳастед, аз сароби илм эҳтиёт кунед. Дар хулосаву натиҷа саросема нашавед, ки он ҳам одамро мисли ҳамин саробҳо ба роҳи нодуруст ва ғалат мебарад, фиреб медиҳад.

Он замон ба моҳияти гуфтаҳои ҳамсафарам, ки чун фолклоршинос ва муҳаққиқи ин соҳаи соҳибном буд, чандон сарфаҳм нарафтам. Ин муқоисаашонро дуруст дарк накардам. Вале баъдтар, вақте ки аз рӯйи зарурат ба кофтукови адабиёт ба рисолаи номзадиам машғул шудам, мақсаду ҳадафи ҳамсафарамро хуб фаҳмидам.

Ва ҳар боре ки олими нуктасанҷ ва муҳаққиқи нозукбинро бо кашолкорӣ мазаммат мекарданд, он сӯҳбат ба хотирам мерасид ва амиқ дарк мекардам, ки муаллим Б. Шермуҳаммадов аз сароби илм худро нигоҳ доштан мехостанд. Ҳар сатру саҳифаи рисолаашонро аз нав бо диққат мехонданд, тасҳеҳу илова мекарданд, такмил медоданд. Ҳарчанд дар илм шахси баркамол ва маъруф буданд, боз бо устодону ҳамкорон маслиҳату машварат мекарданд. Шиори зиндагиашон «ҷомаи бомаслиҳат кӯтоҳ намеояд» буд, ки дарвоқеъ, рисолаи пухтаву мукаммалеро ба баррасиии олимони маъруф пешниҳод карданд. Муҳокимаву баррасии он тӯлонӣ буд. Ҳам муқарризони расмӣ: Арбоби илми ҷумҳурии Ӯзбекистон, доктори илмҳои филология, профессор Б. Валихӯҷаев, профессор Р. Мусулмонқулов ва доктори улуми филология А. Афсаҳзод ва ҳам муқарризони ғайрирасмӣ профессорон В. Асрорӣ, В. Капранов, Б. Тилавов, У. Каримов, муассисаи пешбари кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба рисолаи доктории Б. Шермуҳаммадов баҳои баланд доданд. Дар тақриз ба фишурдаи рисола олимони маъруф Иржи Бечка, академики АУ Афғонистон Аҳмад Ҷовид, корманди Маркази забону адабиёти АУ Афғонистон Асадуллои Шуъур, профессорон Д. Комиссаров, А. Гвехари, М. Муродов, Т. Мирзоев, Б. Саримсоқов, О. Собиров ва бисёр олимони маъруфу чеҳраҳои шинохтаи тоҷику халқҳои дигар ба заҳмату меҳнати чандинсолаи олими баркамол баҳои баланд доданд, ки бор овардани самараи ҷустуҷӯйҳои чандсолаашон ба ҳисоб мерафт. Ва дарвоқеъ, рисолаи доктории Баҳроми Шермуҳаммадиён як соҳаи муҳими илми филологияи тоҷикро пурра мекард ва тадқиқоти мукаммали илмӣ ба шумор мерафт. Муаллиф бо меҳнату заҳмати пурмашаққат солиёни зиёд илми худро аз сароб ҳифз намуда буд ва хушбахтона, касеро ҳам ба сароби илм ҳидоят накард. Ба заҳмати ҳамкорону шогирдон низ аз рӯйи имону виҷдон баҳо медод ва ҳеҷ гоҳ саҳлангориву тадқиқи рӯякиро қабул надошт.

Баҳром Шермуҳаммадиён дар сабту забт, таҳияву омода намудани эҷодиёти шифоҳии мардум низ хеле дақиқкор буд. Дар муддати кӯтоҳ «Таронаҳои Самарқанд»-у «Афсонаҳои Самарқанд» ва афсонаҳои зиёди халқӣ барои кӯдакону наврасон ва ривояту ҳикоятҳои халқӣ дар бораи бузургони илму адаб ва фарҳанги тоҷикон дар байни мардум маҳбубият пайдо кард.

Силсилагуфторҳояш дар радиои ҷумҳурӣ дар бораи Гӯрӯғлӣ ва силсиланамоишҳояш дар телевизиони Тоҷикистон «Чашма» оид ба анъанаву суннатҳои мардумӣ вирди забонҳо гардида буд.

Воқеае ҳеҷ аз хотирам намеравад, ки мӯсафеди анорфурӯш бепул анорҳоро ба борхалтаи олим партофта: «Ҳамаи ин ба хотири талқини анъанаву суннатҳои гузаштагонамон. Бигир, бачам, дар ҳамин солу замон ин корро Шумо барин ҷавонмардон ба сомон нарасонед, дигар ҳеҷ кас намекунад ва он ҳама санъати мардум аз байн меравад, фано мешавад. Бигир, аз боғи худам, ҳамин корро идома бидеҳ. Барака ёбӣ, бачем» – мегуфт дар бозори Шоҳмансур.

Аз ин ҷоизаи баланду меҳрубонии зиёде мешавад магар. Мардум заршинос аст ва сараро аз носара хуб фарқ мекунад. Хуб медонад, ки заҳмату меҳнати олим чи қимате дорад ва илми ҳақиқӣ кадом асту саробаш кадом?!

Вале гоҳо чунин гумони ботил ҳукмронӣ мекунад, ки гӯё мардум сараро аз сақат ва илми ҳақиқиро аз сароби илм фарқ намекунад. Асару мақола ва тадқиқоти хому хаталаро ба табъ расонида, ба воситаи ҳамдиёрону рафиқон, дӯстону хешон ба тарғибу ташвиқаш машғул мешавем. Зӯри беҳуда мезанем, ки аз ҳеҷ чиз ҳар чӣ созем. Фаромӯш мекунем, ки ҳубобро ҳамеша мавҷ фурӯ мебарад. Таърих беҳтарин довар аст ва зиндагӣ муаллими сахтгир. Дер ё зуд ҳамаро дар ҷойи худ мегузорад, ки бо гузашти солҳо ба таъкиду талқини олими нуктасанҷ ва заҳматкаш Баҳром Шермуҳаммадиён бовар ҳосил кардам: сароби илм бақое надорад ва умри тӯлонӣ намебинад. На ба соҳибаш обрӯе меоварад ва на барои пешрафти соҳае хидмат мекунад...

Кош, ин ҳақиқати бебаҳсро илмҷӯёну номхоҳон ҳамеша дар хотир медоштанд ва умри хешро беҳуда намегузаронданд...

# ТАЪТИЛ ХУШУ ГУВОРО МЕГУЗАРАД

***Хонандагони мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ дар таътиланд ва онҳо муддатро ба таври гуногун мегузаронанд. Онҳое, ки дар шаҳр зиндагӣ мекунанд, ё ба фароғатгоҳҳои тобистона мераванд ва ё ба назди бобову бибии худ ба деҳот рафта, дар ҳавои хушу табиати зебо ва гуворо таътили худро сипарӣ мекунанд. Кӯдакону наврасони ноҳияи Сӯх таътили тобистонаашонро чӣ гуна мегузаронанд?***

Мо барои пайдо кардани посухи ин суол ба фароғатгоҳи солимгардонии ноҳия сар задем, ки дар яке аз минтақаҳои хуррам, дар соҳили дарёи тезоби Сӯх маскан гузидааст. Ҳоло ду сол аст, ки ин маскани фароғат дар ихтиёри кӯдакону наврасон қарор дорад. Масоҳати умумии истироҳатгоҳ қариб 5 гектарро ташкил мекунад ва дар ҳар баст метавонад 200 нафарро гунҷоиш диҳад.

– Имсол низ дар панҷ баст ҳазор нафар кӯдакону наврасони шаҳракҳо ва деҳоти ноҳия истироҳат мекунанд ва вақти худро пурмаҳсул мегузаронанд, – гуфт дар оғози суҳбат мудири фароғатгоҳ Таваккалҷон Эркаев.

Масъалаи таъмини бехатарии кӯдакон низ зери назорат мебошад. Барои ин аз ташкилотҳои мухталифи ноҳия, мисли ШКД, гвардияи миллӣ, шӯъбаи вазъиятҳои фавқулода-1 нафарӣ, идораи ноҳияи санитарию эпидемиологӣ, иттиҳодияи тиббӣ-2 нафарӣ, вобаста карда шудаанд.

Дарвоқеъ, давлат аз буҷаи худ барои бунёди ин фароғатгоҳи тобистона 27 миллиарду 560 миллион сӯм сарф намуд.

Дар фароғатгоҳ 12 нафар омӯзгорон ва 2 нафар варзишгарон ба ҳайси тарбиячӣ ва мураббӣ фаъолият мекунанд.

– Кор бо кӯдакону наврасоне, ки аз минтақаҳои гуногуни ноҳия омадаанд, саҳлу сода нест. Дар мактаби таълимоти умумӣ шогирдони он асосан зодаи як деҳ ё шаҳрак мебошанд. Хулқу хӯ ва рафтору кирдори онҳоро маъмурият ва омӯзгорони мактаб тадриҷан омӯхта мебароянд ва мувофиқи ҳамон хислат бо онҳо бархӯрд мекунанд. Вале дар фароғатгоҳ онҳо «сокинон»-и муваққатӣ маҳсуб меёбанд. Барои ҳамин тарбиячиёнамонро аз зумраи омӯзгорони варзидаи мактабҳо интихоб кардаем, – иброз медорад мудир.

– Дар фароғатгоҳ бачагон бо чаҳор маҳал таоми гарму болаззат таъмин карда шудаанд. Ҳар шомгоҳон чорабиниҳои гуногун ташкил карда мешаванд. Ҳар субҳ бачагон аз назорати пизишкон мегузаранд ва дар асоси тавсияи онҳо дар машғулотҳо ширкат мекунанд, – ба суҳбат ҳамроҳ мешавад ходими фароғатгоҳ Ғоибназар Ғоибов.

Ҳафтаи равон барои басти чорум кӯдакону наврасон ҷалб карда шуданд. Маълум шуд, ки маросими анҷоми ҳар як баст ва гусели тарбиятгирандагон бо шукӯҳ барпо мегардад.

– Ба наздикӣ чунин маросим бо ширкати меҳмонону волидони истироҳаткунандагон баргузор шуд. Зимни роҳандозии мусобиқаи «Кӣ аз ҳама беҳтар шеър мехонад?», «Ҷом барои рақси беҳтарин» ва «Варзишгари моҳир кист?» маълум шуд, ки фарзандонамон вақти худро беҳуда нагузаронидаанд. Ҳар кадоми онҳо талош менамуд, ки дар маросим маҳорату малакаашро намоиш диҳад ва соҳиби ҷоми махсуси мудири фароғатгоҳ шавад, – мегӯяд омӯзгори мактаби рақами 8-уми ноҳия Бунёд Шоматов.

Ногуфта намонад, ки омӯхтани мероси бою таърихии халқи мо дар тарбияи ватандӯстӣ хеле аҳамияти калонро молик мебошад.

– Ба ҳамин муносибат дар фароғатгоҳ зуд-зуд чорабиниҳое баргузор мегарданд, ки дар он намояндагони ташкилоти «Ватанпарвар»-и шуъбаи мудофиаи ноҳияи Сӯх ширкат мекунанд. Онҳо бо тӯҳфаҳои хотиравӣ кӯдаконро шоду масрур мегардонанд. Дар бораи садоқат ба Ватан-модар ҳарф мезананд ва ба ин васила дар идроки кӯдакону наврасон ҳисси ватандӯстиро бедор мекунанд, – мегӯяд мудир.

Аз суҳбат бо мудир бармеояд, ки баргузор намудани вохӯриҳои гуногун бо собиқадорон ва қаҳрамонони меҳнат, аҳли қалам, пизишкон, овозхонон ва амсоли он дар васеъ гардидани доираи маълумоти истироҳаткунандагони ин фароғатгоҳи солимгардонӣ хеле мусоидат хоҳад кард.

– Маъмурияти фароғатгоҳи мо аз Гвардияи миллӣ хеле сипосгузор аст. Зеро чанде қабл дар ҳамкорӣ бо ходимони он мусобиқаи тирандозӣ аз камон баргузор шуд. Боиси ҳайрат гашт, ки дар ин мусобиқаи завқовар тақрибан ҳамаи истироҳаткунандагон ширкат варзиданд ва маҳорати худро намоиш доданд. Ин мусобиқа қувваю ирода, хислатҳои мардонагиву шуҷоати ватандӯстиро дар қалби онҳо бедор кард. Дар охири мусобиқа ходимони Гвардияи миллӣ ба иштирокчиёни фаъоли мусобиқа «Ифтихорнома»-ҳо супурданд, – қайд намуд Т. Эркаев.

– Яке аз самтҳои кори мо ба кӯдакон омӯзонидани забонҳои хориҷӣ мебошад. Дар ин ҷода ба мо омӯзгорони пешсафи забонҳои хориҷӣ кумак мерасонанд. Инчунин гузаронидани маҳфилҳои рассомӣ, мусиқӣ, компютер меҳру муҳаббат ва шавқу завқи онҳоро дучанд мекунад. Дастоварди мо кашфи соҳибистеъдодҳои нав мебошад, ки дар оянда дар озмуну олимпиадаҳо аз мактабҳои таълимоти ҳамагонии худ намояндагӣ хоҳанд кард. Имомназар Имомназаров, Маҳмадназар Пирматов ва боз як гурӯҳ тарбиячиён барои хушу гуворо сипарӣ гардидани ҳар як баст фаъолияти хуб нишон медиҳанд.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири**
**«Овози тоҷик».**
*Вилояти ФАРҒОНА.*




## Дастаи мунтахаби Ӯзбекистон дар Бозиҳои II ИДМ 26 медал ба даст овард

***Дар бозиҳои дуюми кишварҳои ИДМ беш аз 300 варзишгар аз Ӯзбекистон ширкат доранд.***

4-14 август дар 11 шаҳри Белорус Бозиҳои II ИДМ баргузор мешаванд. Дар онҳо беш аз ду ҳазор варзишгар аз Ӯзбекистон, Русия, Белорус, Арманистон, Озарбойҷон, Қазоқистон, Қирғизистон, Молдова, Тоҷикистон, Туркманистон ширкат доранд. 13 мамлакати қитъаҳои Осиё, Африқо ва Амрико ҳамчун меҳмон иштирок доранд. Дар ин бора хидмати матбуоти КМО хабар додааст.

Варзишгарони Ӯзбекистон то ҳол 26 медал, аз ҷумла 6 тилло, 9 нуқра ва 11 биринҷӣ ба даст овардаанд.

Варзишгарони Ӯзбекистон дар баробари вазнбардорӣ дар мусобиқоти волейболи соҳилӣ, варзиши сабук, тирандозӣ ва гимнастикаи бадеӣ ширкат мекунанд.

Ёдовар мешавем, ки вазири сиёсати ҷавонон ва варзиши Ӯзбекистон Адҳам Икромов, ки имрӯз дар Белорус қарор дорад, бозиҳоро тамошо мекунад. Дар таркиби ҳайати вакилони мамлакат ба ҳисоби умумӣ беш аз 300 нафар варзишгарон аз рӯйи 22 намуд иштирок доранд, хабар медиҳад шабакаи UzNews.

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
**Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.**
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-825. Адади нашр 4563 ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Суратҳисоби мо дар бонк:
С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор:
Г. Кабирова.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 01.40

**Нишонии мо:**
**100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.**
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.